# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

ба диссертатсияи Исозода Баҳодур Чиллахон дар мавзуи «Нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат

**1. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Исозода Баҳодур Чиллахон дар мавзуи «Нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**2. Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ бо қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи бунёди давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд, инчунин, созмон додани давлати иҷтимоиро пеш гирифтааст. Гузашта аз ин, дар боби асосҳои сохтори конститутсионӣ, инсон ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ эътироф гардидааст. Чунин муқаррароти меҳварӣ аз давлат тақозо менамояд, ки ба инсон ва ҳуқуқҳои ӯ арҷ гузоранд. Хосатан дар ин ҷода мақомоти судӣ ҳамчун як шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ дар самти таъмини ҳуқуқи инсон ва барқарор намудани адолати иҷтимоӣ нақши калидӣ дорад. Аз ҷумла, тибқи қисми 1 моддаи 4 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» яке аз вазифаҳои асосии ҳокимияти судӣ ин ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои давлат, ташкилоту муассисаҳо, қонунияту адолат ба ҳисоб меравад.

Инчунин, бояд иброз намуд, ки санаи 5 декабри соли 2024 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми суханронӣ дар мулоқот бо кормандони мақомоти судии кишвар бевосита таъкид намуданд, ки ҳокимияти судӣ риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, манфиатҳои давлат ва ташкилоту муассисаҳоро кафолат дода, фаъолияти он ба таъмин намудани қонуният ва адолати иҷтимоӣ равона шудааст. Яъне Конститутсия ва қонунҳо танҳо ба суд ваколат додаанд, ки инсонро аз

озодӣ маҳрум созад, гунаҳгорӣ ва бегуноҳии шахсро муқаррар намояд, ҳаёт, қадру номус, моликият ва дигар ҳуқуқҳои инсон, манфиатҳои давлат ва ташкилоту муассисаҳоро ҳифз карда, волоияти қонун ва адолати иҷтимоиро таъмин намояд.

Имрӯз тибқи таҳлилҳо камбудиву норасогӣ дар фаъолияти мақомоти судии кишвар ҷой дорад, аз ҷумла риоя нагардидани мухлати баррасии парвандаҳо, сари вақт ба тарафҳо насупоридани санадҳои судӣ, бекоршавии санадҳои судӣ ва беэҳтиромӣ нисбат ба шаҳрвандон. Вобаста ба ин камбудиҳо ба таври мушаххас Президенти кишвар дар вохӯрии болозикр ишора намуданд, ки боиси нигаронист. Гузашта аз ин, дар чор барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (барои солҳои 2007-2010, 2011-2013, 2015-2017, 2019-2021) инчунин, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 норасогиву камбудиҳо ва анҷом додани яққатор корҳои мушаххас дар ниҳоди мақомоти судии кишвар зикр гадидааст, ки давра ба давра амалӣ гардидани онҳо ҷиҳати рушди ҳокимияти судӣ ва ба амалбарории ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд. Анҷом додани тадқиқоти диссертатсионӣ дар мавзӯи «Нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» муҳим ва саривақтӣ буда, ҷиҳати амалигардонии сиёсти давлатӣ дар ин самт мусоидат хоҳад кард.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Таҳқиқоти диссертатсионии Б.Ч. Исозода дар муҳити илми ҳуқуқшиносии ватанӣ аз зумраи таҳқиқоти диссертатсионие мебошад, ки дар он паҳлуҳои назариявӣ ва амалии фаъолияти ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба масъалаи муҳимми илми ҳуқуқшиносӣ – фаъолияти ҳокимияти судӣ ва ҳимояи ҳуқуқи инсон бахшида шудааст. Диссертант вазифаҳои гузоштаи худро дар самти таҳқиқоти диссертатсионӣ тавассути манзур намудани нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳоднамудааш инъикос кардааст. Ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои худ аз сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, қонунгузории миллӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон, инчунин, аз андешаву назари олимони ватанию хориҷӣ истифода намудааст, ки онҳо дар маҷмуъ навгонии таҳқиқоти диссертатсиониро таъмин кардаанд. Нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, нақши ҳокимияти судиро дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода менамоянд.

**4. Асосноки ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Бояд тазаккур дод, ки андешаҳо ва нуктаҳои илмие, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷой доранд бо фикру андешаҳои илмии олимони дохил ва хориҷи кишвар, инчунин, амалияи мақомоти ҳокимияти судӣ асоснок карда шудаанд. Муаллифи диссертатсия бо мақсади асоснок намудани андешаҳои худ аз диссертатсия, авторефератҳо, монографияҳо, мақолаҳои илмӣ, инчунин санади амалияи судӣ васеъ истифода намудааст. Хулосаю тавсияҳои диссертант, ки дар матни автореферат ва диссертатсия оварда шудаанд асоснок буда, эътимоднокии худро доранд.

**5. Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсияи Б.Ч. Исозода аз муқаддима, се боб, панҷ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт ва феҳристи интишорот аз рӯйи диссертатсия иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, сатҳи омӯзиш, мақсад, вазифаи таҳқиқот, асосҳои методологии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқот, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия баён карда шудааст.

Боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявии мафҳум, моҳият ва мазмуни ҳимояи ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ном гирифта, аз се зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби якуми боби мазкур – «Мафҳум ва моҳияти ҳимояи ҳуқуқи инсон», муаллиф дар асоси таҳлили андешаи олимони дохиливу хориҷӣ паҳлуҳои баҳсбарангез ва муҳимми мафҳум ва моҳияти ҳимои ҳуқуқи инсонро баррасӣ намуда, аз нигоҳи илмӣ нуктаи назари худашро пешниҳод намудааст. Аз ҷумла иброз карда мешавад, ки ниҳоди ҳимояи ҳуқуқи инсон ниҳоди маҷмуии иборат аз ҳама воситаҳои меъёрию ҳуқуқии инфиродӣ ва ташкилию ҳуқуқии таъмини ҳимояи ҳуқуқи инсон мебошад. Аз ин лиҳоз, категорияҳои «ҳимояи давлатӣ», «ҳимояи ҳуқуқӣ», «ҳимояи судӣ» ва ғайра, ки дар илм ва амалияи қонунгузорӣ онҳоро дучор омадан мумкин аст, мафҳумҳое мебошанд, ки қисман ба ҳам мувофиқанд, ҳамдигарро мепайванданд ва пурра мекунанд. Ислоҳҳои ишорашуда аз рӯйи табиати ҳуқуқӣ ва моҳияти худ ифодакунандаи мафҳуми як падида – институти ҳимояи ҳуқуқи инсон мебошанд (саҳ. 26).

Диссертант мафҳуми ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқи инсонро дар сатҳи зарурӣ баррасӣ намуда, андешаи гуноугни олимонро мавриди баррасӣ қарор додааст (саҳ. 26-35). Дуруст иброз карда мешавад, ки ҳам ҳимоя ва

ҳам ҳифзи ҳуқуқи инсон аз нигоҳи самти таъиноти функсионалӣ дорои мақсади умумӣ мебошанд (ҳимоя ва ҳифз баҳри таъмини ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии шахс равона шудаанд). Инчунин, онҳо аз нигоҳи муҳтаво (мундариҷа)-и худ дорои умумият мебошанд, яъне тавассути воситаҳои ташкилию ҳуқуқӣ амалӣ карда мешаванд. Ин имконият медиҳад то хулоса намоем, ки мафҳумҳои муқоисашаванда зуҳуроти мушаххаси як категорияи умумӣ – «таъмини ҳуқуқии ҳуқуқи инсон» мебошанд (саҳ. 35).

Дар зербоби дуюми боби якум – «Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ҳамчун объекти таъсиррасонии ҳокимияти судӣ дар Тоҷикистон», муаллифи диссертатсия бо назардошти андешаҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, инчунин, сарчашмаҳои ҳуқуқӣ масъалаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ҳамчун объекти таъсиррасонии ҳокимияти судиро баррасӣ намудааст. Диссертант ҷиҳати дар сатҳи зарурӣ кушодани мафҳуми ҳуқуқи инсон ва муҳиммияти ҳимояи он сайри таърихӣ намуда (саҳ. 39-42) бо такия ба олимон дуруст иброз менамояд, ки новобасата аз ҷой доштани андешаҳои гуногун маҳз дар Шарқ аввалин санади ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон таҳким ёфта буд, ки он Эъломияи Куруши Кабир аз соли 539 п.м. мебошад (саҳ. 41). Андешаи мазкур қобили қабул ва ҷонибдорист.

Дар идомаи таҳқиқот иброз карда мешавад, ки дар кишвари мо, бунёди давлати воқеан демократӣ, ки дар он ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ба сифати арзиши олӣ эътироф мешаванд, танҳо пас аз қабули Конститутсияи соли 1994 оғоз ёфт. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи ҷудонопазири ҷомеаи ҷаҳонӣ дар Конститутсияи худ авлавияти ҳуқуқи инсонро инъикос намудааст. Аз ҷониби диссертант мафҳумҳои ҳуқуқ ва озодӣ, инчунин, инсон ва шаҳрванд мавриди баррасӣ қарор дода мешвад (саҳ. 43-53). Зикр карда мешавад, ки дар таҳлили мафҳумҳои «ҳуқуқ» ва «озодӣ» бояд қайд кард, ки давлат, гарчанде ки ин озодиҳоро дар сатҳи қонунгузорӣ муқаррар мекунад, ба ҷои муфассал муайян кардани ҳудудҳои онҳо, бештар барои фароҳам овардани шароити зарурӣ барои татбиқи онҳо кӯшиш мекунад (саҳ. 54). Хулоса карда мешавад, ки роҳҳои таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гуногунанд, вале мақоми роҳбарикунанда ба андешаи муаллиф, маҳз ба ҳокимияти судӣ тааллуқ дорад (саҳ. 57).

Зербоби сеюми боби якум – «Мафҳум, моҳият ва намудҳои ҳимояи судии ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ном гирифта, муаллиф зимни таҳқиқот дар сатҳи зарурӣ масъалаи ҳимояи судии ҳуқуқи инсонро баррасӣ намудааст. Бо такия ба олимон иброз карда мешавад, ки масъалаҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон ва ташаккули механизми самарабахши ҳимояи онҳо масъалаҳои асосии низоми ҳуқуқи инсон мебошанд. Дар

байни механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унсурҳои асосии зеринро қайд кардан мумкин аст: низоми судии ҳимояи ҳуқуқи инсон, ниҳодҳои давлатии ғайрисудии ҳимояи ҳуқуқи инсон ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқи инсон (саҳ. 63). Масъали ҳимояи судиро баррасӣ намуда (саҳ. 63-65) диссертант хусусиятҳои ҳокимияти судӣ, инчунин муқаррароти конститутсиониро дар самти ҳимояи судӣ ба тафсилот шарҳ додааст, ки ҷолиби диққат ва қобили қабул мебошанд (саҳ. 65-66). Чунин хулоса карда мешавад, ки ҳимояи судӣ воситаи конститутсионии ҳимояи давлатӣ буда, аз ҷониби судҳо ба амал бароварда шуда, тавассути онҳо татбиқи ҳуқуқу озодиҳои инсон таъмин карда мешавад. Инчунин, ҳимояи судӣ ба сифати воситаи фарогири ҳимояи ҳуқуқи инсон баромад менамояд. Ба ибораи дигар, ҳимояи судии ҳуқуқи инсон маҷмӯи ҳуқуқҳои моддӣ ва мурофиавии ҳар як шахси воқеӣ, новобаста аз ҳар гуна фарқиятҳои иҷтимоӣ, ҷинс, нажод, миллат, забон, мавқеи сиёсӣ, вазъи молиявӣ ва мансабӣ, маҳалли зист, ҷойи таваллуд ва ғ. мебошад, ки ба ӯ имконияти барқарор намудани ҳуқуқҳои поймолшуда ё пешгирӣ намудани ҳуқуқпоймолкуниро тавассути муроҷиат ба суд фароҳам меорад (саҳ. 67). Ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ танҳо бо ҳуқуқи муроҷиат ба суд маҳдуд нашуда, фарогирандаи ҳуқуқи иштирок дар ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои худ, ҳуқуқи талаб кардани ҳимоя аз суд ва ҳуқуқи дарёфти ёрии ҳуқуқӣ барои татбиқи ҳуқуқҳои зикршуда мебошад. Аз ин рӯ, ҳуқуқ ба ҳимояи судиро метавон ҳамчун маҷмӯи ваколатҳое баррасӣ кард, ки ба шахс имконият медиҳанд, то барқарорсозии ҳуқуқҳои худро талаб намояд (саҳ. 69).

Б.Ч. Исозода низоми судии кишварро баррасӣ намуда, салоҳит ва мавқи онҳоро дар ҳимояи ҳуқуқи инсон муайян намудааст. Аз ҷумла, тавaҷҷуҳи алоҳида ба Суди конститутсионӣ карда шудааст (саҳ. 71-78), ки як андоза ҷолиби диққат мебошад.

Боби дуюми диссертатсия – «Фаъолияти ҳокимияти судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд» ном гирифта, аз ду зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби якуми боби мазкур – «Мақсад, вазифа ва функсияҳои ҳокимияти судӣ оид ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд» ном дошта, дар он масъалаи мақсад, вазифа ва функсияҳои ҳокимияти судӣ оид ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Диссертант дар сатҳи зарурӣ масъалаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ ва дар ин ҷода мушаххас намудани мақсад, вазифа ва функсияҳои ҳокимияти судиро дар самти ҳимояи ҳуқуқи инсон баррасӣ намудааст (саҳ. 86-89). Ҳадаф ва вазифаҳои асосии ҳокимияти судӣ дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва таҳқиқоти олимон мавриди

баррасӣ қарор дода шудааст (саҳ. 90-95). Дар баробари ин, муҳаққиқи диссертатсия ҳадафи афзалиятноки ҳокимияти судиро маҳз ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд медонад (саҳ. 96), ки қобили қабул мебошад. Зикр карда мешавад, ки дар низоми муосири судӣ вазифаҳои адолати судӣ тавассути чунин самтҳо, ба мисли суди конститутсионӣ, маъмурӣ, иқтисодӣ, ҷиноятӣ ва маданӣ амалӣ мегарданд. Фарқияти вазифаҳо аз дифференсатсияи ҳуқуқ бармеояд, ки соҳаҳои гуногуни танзими ҳуқуқиро фаро мегирад. Ҳар яке аз ин самтҳо вазифаҳои хоси худро доранд, ки мураккабии низоми ҳуқуқӣ ва гуногунии шаклҳои таъмини қонуншикании ҷараёни судиро инъикос мекунанд. Аз ин рӯ, вобаста ба соҳаи ҳуқуқ, вазифаҳои судҳоро ба функсияҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, давлативу ҳуқуқӣ ва фарҳангӣ тақсим кардан мумкин аст (саҳ. 99). Дар робита ба функсияҳои давлат, функсияҳои ҳуқуқ, функсияҳои ҳокимияти судӣ, инчунин, вазифаи он мавриди баррасӣ қарор дода шудааст (саҳ. 104-116).

Зербоби дуюми боби дуюм – «Шаклҳо ва принсипҳои фаъолияти ҳокимияти судӣ оид ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд» номгузорӣ гардидааст. Дар зербоби мазкур таҷрибаи шакл ва принсипҳои фаъолияти ҳокимияти судӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Дар асоси таҳқиқи васеи корҳои илмии олимони дохил ва хориҷи кишвар иброз карда мешавад, ки то ҳол андешаи ягона дар самти шаклҳои фаъолияти ҳокимияти судӣ ҷой надорад (саҳ. 117-119). Диссертант дар он андеша мебошад, ки шакли фаъолияти ҳокимияти судӣ оид ба таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд роҳи махсуси таърихан ташаккулёфтаи татбиқи самтҳои фаъолияти он мебошад, ки аз ба амал баровардани адолати судӣ иборат аст. Дар навбати худ, мурофиаи судии маданӣ, ҷиноятӣ, маъмурӣ, иқтисодӣ ва конститутсионӣ танҳо навъҳои мурофиавии ин шакл мебошанд (саҳ. 119). Инчунин, дар идомаи таҳқиқот ба масъалаи мафҳум ва принсипҳои фаъолияти ҳокимияти судӣ таваҷҷуҳи амиқ роҳандозӣ карда мешавад (саҳ. 119-131). Иброз карда мешавад, ки принсипҳои ҳокимияти судӣ дар қонунгузории амалкунанда ба таври пароканда муқаррар гардидаанд, ки боиси номуайянии татбиқи ҳуқуқ мегардад. Пешниҳод карда мешавад, ки ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» боби алоҳида ворид карда шуда, дар он номгӯ ва таснифи принсипҳои асосии фаъолияти ҳокимияти судӣ дар чунин шакл муқаррар карда шавад: соҳибихтиёрӣ, мустақилият, волоияти Конститутсия, қонуният, ошкорбанӣ, соҳибваколат ва ягонагии ёҳокимияти судӣ (саҳ. 131-132).

Дар боби сеюми диссертатсия масъалаи «Дурнамои такмили фаъолияти ҳокимияти судӣ дар ҷумҳурии тоҷикистон оид ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд» мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Иброз карда мешавад, киислоҳоти сиёсӣ-ҳуқуқӣ ва иқтисодии дар кишвар гузаронидашуда аз рӯзҳои аввал ба таъмин ва ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, инчунин фароҳам овардани шароити мусоиди зиндагӣ равона карда шудааст. Ин муқаррарот дар Конститутсияи кишвар, ки 6 ноябри соли 1994 қабул шудааст, инъикос ёфтааст (саҳ. 134). Ҷолиби диққат аст, ки диссертант даврабандии ислоҳоти судиро дар кишвар баррасӣ намуда (саҳ. 133-137), такия ба олимони соҳа иброз менамояд, ки ислоҳот, шарти зарурии такмили фаъолияти ҳокимияти судӣ оид ба таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад. Аммо, ба гуфтаи муаллифони ватанӣ, «бояд ислоҳот ва такмилро фарқ кард. Такмил раванди беохир аст. Ислоҳот, яъне дигаргуниҳои калон ва куллӣ, наметавонанд пайваста анҷом дода шаванд ва аз ин рӯ, онҳо бояд дар ҷое ба поён расанд» (саҳ. 137).

Гузашта аз ин, хулоса карда мешавад, ки дастовардҳои муҳимтарини ислоҳоти судӣ дар охири солҳои 90-ум ва аввали солҳои 2000-ум дар соҳаи фаъолияти ҳокимияти судӣ оид ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд инҳоянд: эътирофи принсипи таҷзияи ҳокимият ва дар ин замина эътирофи ҳокимияти судӣ ҳамчун шохаи мустақили ҳокимият; эътирофи таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бо мақсад ва вазифаи асосии фаъолияти ҳокимияти судӣ; тавсеаи самтҳои фаъолияти ҳокимияти судӣ бо роҳи додани ҳуқуқи амалӣ намудани фаъолияти контрол ва назоратӣ (аз ҷумла, мақомоти таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ); мустаҳкам намудани чунин принсипҳои демократии фаъолияти ҳокимияти судӣ оид ба таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ба монанди мустақилияти ҳокимияти судӣ; соҳибихтиёрии ҳокимияти судӣ; волоияти ва амали мустақими Конститутсия; қонуният; оммавӣ (саҳ. 145-146). Дар идомаи таҳқиқот, вобаста ба натиҷаҳои таҳлил ва омӯзиш пешниҳод карда мешавад, ки бидуни такмили соҳаи иқтисодии давлат таъсиси судҳои махсусгардонидашуда (маъмурӣ, ноболиғон) ғайриимкон аст; фаъолияти ҳокимияти судӣ оид ба таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар соҳаи назорати меъёрии судӣ бе ворид намудани тағйироти дахлдор ба қонунгузории амалкунанда ва ғайра такмил дода намешавад (саҳ. 165).

Дар асоси таҳлилҳои васеъ ва ҳамаҷонибаи илмӣ ба диссертант имконият фароҳам омадааст, ки хулоса ва пешниҳодҳои муҳимми илмӣ

дар самти назария ва амалияи фаъолияти ҳокимияти судӣ ҷиҳати ҳимояи ҳуқуқи инсон пешниҳод намояд.

**6. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.**

Таҳқиқоти диссертатсионии Б.Ч. Исозода аҳаммияти илмӣ амалӣ дорад. Зеро хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада метавонанд барои ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ дар самти фаъолияти ҳокимияти судӣ оид ба таъмини ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд истифода карда шавад. Ҳамзамон хулосаву андешаҳои диссертант барои ҳалли як қатор масъалаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи инсон ки ба ҳокимияти судӣ дахл доранд, мусоидат намояд. Маврид ба зикр аст, ки истифодаи маводи диссертатсия дар таҳлилу хулосабарории мавзуъҳои назариявӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва соҳавӣ-ҳуқуқӣ метавонад мусоидат намояд. Хулоса ва пешниҳодҳои дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба даст омада, мумкин аст дар ҳалли як қатор мушкилоти дар илмҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи инсон, инчунин, соҳаҳои ҳуқуқие, ки бо амалияи судӣ алоқамандӣ доранд, аз қабили ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи маъмурӣ, соҳаҳои мурофиавӣ-ҳуқуқӣ ва умуман илми ҳуқуқшиносӣ мавҷудбуда, истифода гарданд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он ифода мегардад, ки дар фаъолияти ҳокимияти судӣ ҷиҳати такмили қонунгузории кишвар метавон хулосаву пешниҳодҳои таҳқиқотро вобаста ба масъалаи ислоҳоти соҳа ва таъмини ҳуқуқи инсон истифода бурд. Хулосаву пешниҳодҳои таҳқиқот барои амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ ҷиҳати амалигардонии ислоҳоти судӣ аҳаммияти калон доранд. Ҳамзамон, муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд дар омода намудани адабиёти таълимӣ ва таълимӣ-методӣ, инчунин, ҷараёни таълими фанҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи инсон, дигар илмҳои марбут ба фаъолияти ҳокимияти судӣ истифода гарданд.

Аҳамияти иқтисодӣ ва иҷтимоии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои ба даст омада ҳангоми тадбиқ гардиданаш дар амалия метавонад ҷиҳати барқарор намудани адолати иҷтимоӣ ва зарари молиявии инсон ва шаҳрванд мусоидат намояд.

**7. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷу 10 мақолаҳои илмӣ омода ва нашр намудааст, ки 5 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонидаанд, аз ҷумла:

[1-М]. Исозода, Б.Ч. Значение судебной защиты в системе механизмов защиты прав человека [Текст] / Б.Ч. Исозода //

Государствоведение и права человека. – 2017. – № 2 (06). – С. 71-72. – ISSN: 2414-9217.

[2-М]. Исозода, Б.Ч. Понятие и сущность судебной защиты прав человека [Текст] / Б.Ч. Исозода // Государствоведение и права человека. – 2017. – № 4 (8). – С. 129-134. – ISSN: 2414-9217.

[3-М]. Исозода, Б.Ч. Заминаҳои таърихии ислоҳот ва такмили фаъолияти ҳокимияти судӣ дар ҷумҳурии тоҷикистон оид ба таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд [Матн] / Б.Ч. Исозода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2023. – № 4 (32). – С. 83- 94. – ISSN: 2414-9217.

[4-М]. Сафарзода, Б.А., Исозода Б.Ч. Масъалаҳои назариявии раванди ислоҳот ва такмили фаъолияти ҳокимияти судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] /. Б.А. Сафарзода, Б.Ч. Исозода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2023. – № 4 (32). – С. 7- 14. – ISSN: 2414-9217.

[5-М]. Исозода, Б.Ч. Шакл ва принсипҳои фаъолияти ҳокимияти судӣ оид ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд [Матн] / Б.Ч. Исозода // Паёми ДМТ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – №6. Қисми 1 – С. 264-271. – ISSN: 2413-5151.

Бояд қайд намуд, ки теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Б.Ч. Исозода ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

**Автореферат фишурдаи диссертатсия** буда, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсияи Б.Ч. Исозода дар баробари доштани ҷанбаҳои зиёди мусбӣ, инчунин, аз баъзе камбудӣ ва масъалаҳои баҳсбарангез орӣ намебошад, аз ҷумла.

1. Дар нуктаи илмии якум иброз карда мешавад, ки дар назарияи ҳуқуқӣ ва фаъолияти ҳуқуқэъҷодкунӣ категорияҳои «ҳимояи давлатӣ», «ҳимояи ҳуқуқӣ», «ҳимояи судӣ» ва ғ., шаклҳои гуногуни як зуҳуроти ҳуқуқӣ мебошанд. Албатта дар ин бобат як андоза метавон бо диссертант ҳамфикр буд, аммо категорияҳои мазкур новобаста аз фарқияти шартии истилоҳӣ, вобаста ба ҳудуди фарогирии масъала мазмунан аз ҳамдигар тафовут низ доранд. Гузашта аз ин, андеша оид ба оне, ки ин категорияҳо як моҳият - фаъолияти институти ҳимояи ҳуқуқи инсонро дар давлати ҳуқуқӣ ифода менамоянд, як андоза мазмуни умумӣ доранд. Хуб мешуд, ки диссертант дар баробари шарҳи мафҳуми «ҳимояи судӣ», инчунин, мафҳумҳои «ҳимояи давлатӣ», «ҳимояи ҳуқуқӣ»-ро дар диссертатсия васеъ баррасӣ намуда, нақш ва мавқеи онҳоро мушаххас мекард. Вобаста ба ин масъала мехостем андешаи диссертант дар рафти ҳимояи ошкоро шунида шавад.

2. Пешниҳоди №5 дар самти ворид намудани боби алоҳида дар Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» баҳсбарангез мебошад. Зеро диссертант пешниҳод менамояд, ки дар боби мазкур номгӯ ва таснифи принсипҳои асосии фаъолияти ҳокимияти судӣ дар чунин шакл муқаррар карда шавад: соҳибихтиёрӣ, мустақилият, волоияти Конститутсия, қонуният, ошкорбаёнӣ, соҳибваколат ва ягонагии ҳокимияти судӣ. Ҳоло он, ки мустақилияти ҳокимияти судӣ дар қисми 1 моддаи 84, волоияти Конститутсия дар моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, гузашта аз ин, дар моддаи 5 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» принсипҳои фаъолияти судӣ инъикоси худро ёфтаанд ва зарурияти такроршавии онҳо дар қонунгузории соҳавӣ ҷой надорад.

3. Вобаста ба таиноти таҳқиқоти диссертатсионӣ, хуб мешуд, ки диссерант ба масъалаи дастрасӣ ба адолати судӣ, ки масъалаи мубрами илм ва амалияи ҳуқуқшиносии муқоисавии муосир мебошад таваҷҷуҳи алоҳида зоҳир мекард, аммо дар матни диссертатсия ба ин масъала кам таваҷҷуҳ зоҳир карда шудааст. Бояд иброз намуд, ки дастрасӣ ба адолати судӣ яке аз воситаи асосии ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар ҷомеа мебошад. Нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳуқуқуку озодиҳои инсон ва шаҳрвандро бе таъмини дастрасӣ ба адолати судӣ тасаввур намудан душвор аст. Дар ин бобат мехостам андешаи диссертант ҳангоми ҳимояи ошкоро шунида шавад.

Мулоҳизаҳое, ки қайд гардиданд, дар умум, ҳангоми баҳодиҳии мусбати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаи баррасишаванда муҳим мебошанд ва муаллиф дар ҳалли баъзе масъалаҳо дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, адабиёти соҳавӣ ва баҳодиҳии ақидаҳои олимони гуногун нуқтаи назари муаллифии худро пешниҳод намудааст, ки ин хоси гузаронидани чунин таҳқиқоти илмӣ ва сазовори баҳои баланд мебошад.

Хулоса, таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзӯи «Нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Исозода Баҳодур Чиллахон сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

**Муқарризи расмӣ**:
Сардори факултети № 2
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Мансурзода А.М.

Ихтисос: 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат

**Имзои «Мансурзода А.М.»-ро тасдиқ менамоям.**
Сардори шуъбаи кадрҳои
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
подполковники милитсия Саидзода А.Р.

Суроға: 734012, ш. Душанбе, кӯчаи М. Мастонгулов 3,
тел: +992 (37) 226-60-42, Моб.: +992 918 40-07-11 Суроғаи электронӣ: www.avkd.tj; E-mail: mam300986@mail.ru